## Афлотун (427-347)



Афлотун дар Афина дар оилаи ашроф ба дунё омадааст. Устодони фалсафаи ӯ Кратил ва Суқрот буданд. Афлотун яке аз бузургтарин донишмандони Юнони қадим аст. Бунёдгузори системаи идеализми объективӣ ва асосгузори аввалин дар ҷаҳон Академия, мебошад, ки қариб ҳазор сол вуҷуд дошт.

Аз рӯи ақидаи Афлотун олам дугуна аст: олами пайдои ашёҳои таъғирпазир ва олами пинҳони идеяҳо. Масаланд дарахтҳои алоҳида пайдо мешаванду нест мешаванд, аммо идеяи дарахт бетаъғир мемонад. Олами идея дорои ҳастии ҳақиқӣ буда, ашёҳои муайяни тавассути эҳсос даркшаванда миёнҷианд байни ҳастӣ ва нестӣ. Онҳо танҳо сояи идеяҳо, нусхаи ночизи онҳо мебошанд[**].

**Идеяи рӯҳ (ҷон).** Идеяи рӯҳро тавзеҳ дода Афлотун чунин мегӯяд: рӯҳи инсон то ба дунё омаданаш дар салтанати андешаҳои тозаву зебо ҷойгир аст. Аммо баъд ба замини пургуноҳ меафтад, ки чанде дар ҷисми инсонӣ қарор мегирад, монанди зиндоние дар зиндон. Масъалаҳои асосии ҳаёти худро рӯҳ пеш аз таваллуд ҳал менамояд. Вақте ки ба дунё меояд ӯ алакай ҳама чизи даркориро медонад. Ҳамин тариқ, Афлотун рӯҳи инсониро ба се қисм ҷудо менамояд: рӯҳи оқила, ки равона ба сӯи идеяҳост; ғазабӣ ва шаҳвонӣ.

Дар таълимоти худ оиди маърифат Афлотун мақоми маърифати ҳиссиро ба эътибор намегирифт. Ба ақидаи ӯ эҳсос ва идрок инсонро фиреб медиҳанд. Ӯ ҳатто чунин мепиндошт, ки барои дарки ҳақиқат чашмҳову гӯшҳоро маҳкам карда, ба ақл имконият дода шавад.

Асарҳои асосии Афлотун инҳо мебошанд: «Ҳимоя аз Суқрот», «Давлат», «Парменид», «Пир» (Зиёфат), «Протагор», «Софист», «Федон», ва ғайраҳо.

---

[**] Ин гуна ақидаи Афлотун натанҳо аз тарафи шогирдаш Арасту, балки аз тарафи бисёр олимони даврахои гуногуни таърихӣ мавриди интиқод қарор мегирифт. Масалан Муҳаммад Иқбол ин ақидаи Афлотунро дар назар дошта чунин мегӯяд: «Фикри Афлотун зиёнро суд гуфт, Ҳикмати ӯ будро нобуд гуфт».